«Тасдиқ мекунам»:
Директори Институти
забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ
д.и.ф. Шарифзода Ф.Х.
_______________
“28” 02 2023

# ХУЛОСАИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКИИ АМИТ

Диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навиштори ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 09 – Фолклоршиносӣ пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулло Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҳмонов Равшан Каҳҳорович, доктори илмои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи шуъбаҳои таърихи адабиёт ва фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (дар протоколи №6 аз таърихи 27.06.2019) барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ диссертатсияи номзадии Бухориев Олим Салимовичро дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навиштори ва гуфторӣ» бо иштироки муқарризон – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Қосимӣ С.А. ва номзади илмҳои филологӣ, дабири масъули маҷаллаи илмии “Суханшиносӣ”-и Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Умарова Шодигул баррасӣ ва муҳокима намуд. Дар маҷлиси Шурои олимон довталаби дараҷаи илмӣ роҷеъ ба муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии таҳкик маъруза кард. Диссертант баъд аз маъруза зимни суолу ҷавоб ба саволҳои аъзои шурои олимон: доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи таърихи адабиёти ИЗА-и ба номи А. Рӯдакии АМИТ Юсуфов У. А., номзади илмҳои

филологӣ, мудири шуъбаи забони тоҷикии ИЗА-и ба номи А. Рӯдакии АМИТ Мирзоев С. ва номзади илмҳои филологӣ, муовини директори ИЗА-и ба номи А. Рӯдакии АМИТ Муҳаммадиев Ш. ҷавоб дод.

Баъд аз он муқарризи холис – номзади илмҳои филологӣ Умарова Шодигул роҷеъ ба ҷанбаҳои мусбату ҷиҳатҳои эродпазири диссертатсия ба таври мухтасар суханронӣ намуд. Номбурда иброз дошт, ки дар хулосаи диссертатсия арзиши таҳқиқу мубрамии мавзуи таҳқиқот баён гардидаанд ва моҳияти масъалаҳои асосии пажуҳиш бо натиҷагириҳои мушаххас нишон дода шудааст. Аз иқтибосу мулоҳизарониҳо ва муқоисаву таҳлилҳои илмии диссертант бармеояд, ки ӯ доир ба мавзуи интихобнамудааш маълумоти кофӣ дошта, сарчашмаҳои зиёди илмиро мутолиа намуда, аз маъхазҳои илмиву адабӣ васеъ истифода кардааст. Диссертант кӯшидааст, ки зимни баррасии бархе масъалаҳои дар диссертатсия матраҳшуда бо муҳаққиқони ин соҳа ба мубоҳиса пардохта ва мулоҳизаҳои хешро дар баъзе маврид бо далелҳои муътамад баён менамояд. Инчунин зимни таҳқиқи мавзуи ихтихобшуда диссертант аз усулҳои маъмули фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, пеш аз ҳама, методи муқоисавӣ-таърихӣ: усули таҳлили компаративӣ, таҳлили тасвирӣ, таҳлили типологӣ ва ғ. истифода кардааст. Мавсуф бо такя ба маводди фаровони пурарзиши фолклорӣ ва адабиёти навишторӣ дар диссертатсия оид ба вижагиҳои навъи дубайтӣ аз нигоҳи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ маълумоти муфассали илмиро пешниҳод намудааст.

Бояд гуфт, ки дар диссертатсияи тақризшаванда дар радифи дастовардҳои илмӣ баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида расидаанд, ки зикри чанде аз онҳоро лозим шумурдем: 1) унвони ихтисос ба ҷойи “Фолклоршиносӣ” истилоҳи “Фолклор” омадааст; 2) ба ҷойи “Рӯйхатти адабиёт” истилоҳи “Китобнома” истифода шудааст; 3) агар дар унвони мавзуъ: “«Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» тағйироте ба шакли зер: «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти гуфторӣ ва навишторӣ» сурат гирад, беҳтар аст; 4) дар матни диссертатсия ҷо-ҷо қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва оломати китобат риоят нашудаанд ва хатоҳои ҷузъии дигар ҳам мушоҳида мешаванд.

Диссертант дар тахкики мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» заҳмати арзишманд анҷом додааст ва аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, эродҳои болозикр ҳаргиз арзиши илмию амалии диссертатсияро коста намегардонанд, зеро ҳамаи онҳо ислоҳпазиранд. Ба ин боварем, ки ислоҳи саривақтии онҳо минбаъд боиси беҳтар шудани сифати илмии диссертатсия хоҳад буд.

Сипас муқарризи холиси дувум – номзади илмҳои филологӣ, С.А.Қосимӣ ба таври мухтасар ба таҳлили ҷанбаҳои мусбат ва ҷиҳатҳои эъродпазири диссертатсия пардохта, аз ҷумла қайд менамояд, ки навъи дубайтӣ ба гурӯҳи жанрҳои адабие дохил мешавад, ки то кунун мухтасар ё номукаммал таҳқиқ шудаанд. Жанри дубайтӣ яке аз куҳантарин намунаҳои осори адабии халқи тоҷик ҳисоб меёбад ва ин унсури бунёдини адабӣ, бахусус дар ҳавзаи фолклор, ҷойгоҳи устуворе дорад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсияи мазкур дар самти муаррифии навъи дубайтӣ дар фолклоршиносӣ кори наву мубрам буда, дар он доир ба вижагиҳои гуногуни ин навъи адабӣ маълумоти густарда пешниҳод шудааст. Мубрамии таҳқиқ дар нукоти зер ифода меёбад:

- навъи дубайтӣ нахустин бор ҳамчун жанри мустақили адабӣ дар фолклоршиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

- таҳқиқи густардаи вижагиҳои навъи дубайтӣ шароит фароҳам оварад, ки дар бораи пайдоиш, ташаккулу таҳаввул, хусусиятҳои мавзуӣ, сохторӣ, сабк ва воситаҳои бадеии он маълумоти васеъ пайдо намоем;

- мавқеи устувори навъи дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ ҳамчун асилтарин намунаи мероси завқии миллати тоҷик нишон дода шуд.

Илова бар ин, дар диссертатсия масъалаи дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи устувор пайдо намудани дубайтӣ баррасӣ гардидааст. Диссертант нишон медиҳад, ки навъи дубайтӣ дар байни табақаҳои мухталифи ҷомеа ҳамчун воситаи муҳимми ибрози эҳсосу отифа ва тарғиби ақидаҳои иҷтимоию ахлоқӣ ба кор меравад ва монанди дигар анвои адабӣ дар таҳкиму густариши забону адабиёти форсии тоҷикӣ саҳми назаррас дорад. Бинобар ин, таҳқиқу баррасии гуногунҷанбаи навъи дубайтӣ масъалаи муҳимми адабӣ ба шумор рафта, барои мушаххас намудани ҷойгоҳ ва баъзе вижагиҳои адабии он дар эҷодиёти шоирони алоҳида, осори мардумӣ, ҳамзамон ташхиси таъсири мутақобилаи ин намуди ашъори чормисраӣ дар адабиёти гуфторӣ ва навишторӣ мусоидат менамояд.

Бояд гуфт, ки асосҳои назарии диссертатсия дар заминаи дастовардҳои илмии адабиётшиносони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, монанди Д. С. Лихачев, А. Я. Гуревич, М. М. Бахтин, А. С. Бушмин, Н. И. Конрад, В. М. Жирмунский, Б. В. Томашевский, М. Б. Храпченко, И. С. Брагинский, Е. Э. Бертелс, А. Н. Болдирев, И. Г. Левин, В. Я. Пропп, Абдулғанӣ Мирзоев, Расул Ҳодизода, Раҷаб Амонов, Бозор Тилавов, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Парвиз Нотили Хонларӣ, Шафеии Кадканӣ, Худой Шарифов, Абдунабӣ Сатторзода, Асадулло Сӯфизода, Равшан Раҳмонӣ ва дигарон тарҳрезӣ ва амалӣ шудаанд.

Қобили зикр аст, ки диссертатсия дар баробари доштани ҷанбаҳои

мусбат аз хатову камбудӣ холӣ нест. Аз ҷумла, дар муқаддимаи диссертатсия ва фишурдаи он тартиботи хронологии баъзе бахшҳои муқаррароти Низомномаи нави КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя нашудааст. Диссертантро лозим аст, ки тартиботи ҷойдоштаро риоя намояд. Гоҳ-гоҳе хатоҳои техникӣ ҳам ба назар мерасанд Албатта, ин хатоҳо ислоҳшаванда буда, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро кам намегардонанд.

Ҳамин тавр, дар асоси маърузаи муқарризон – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Қосимӣ С.А. ва номзади илмҳои филологӣ, дабири масъули маҷаллаи илмии “Суханшиносӣ”-и Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Умарова Шодигул шурои олимони Институт бо дар назар гирифтани ҷанбаҳои мусбат ва ҷиҳатҳои эродпазири диссертатсияи Бухориев О. С. ба чунин хулоса омад: Диссертатсияи мазкур ба мавзуи муҳиму таҳқиқношудаи илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ бахшида шудааст. Дар диссертатсия вижагиҳои гуногуни навъи дубайтӣ дар адабиёти гуфторӣ ва навишторӣ мавриди таҳқиқи қорор гирифтааст ва диссертант барои расидан ба ҳадафҳои дар барномаи кор матраҳшуда ҳалли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

- муайян кардани марҳалаҳои таърихии инкишофи навъи дубайтӣ;
- тавзеҳи марҳалаҳои пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули дубайтӣ;
- баррасии масъалаи мавзуъҳои дубайтӣ;
- таҳлилу тавзеҳи мавзуъҳои ишқ, ғарибӣ, муҳаббат ба ватан дар дубайтӣ;
- таҳқиқи вижагиҳои сохтории навъи дубайтӣ;
- мушаххас намудани мавқеи вазн, қофия ва радиф дар дубайтӣ;
- таҳлилу тавзеҳи забон ва сабки дубайтӣ;
-муайян кардани мавқеи истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ: маҷоз, ташбеҳ, истиора, киноя ва ғайра дар дубайтӣ.

**Муаллиф масъалаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод кардааст**:

1. Жанри дубайтӣ мисли навъҳои дигари адабӣ дар таърихи адабиёт давраҳои пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули худро дорад. Дар диссертатсия зимни таҳқиқ марҳалаҳои пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули навъи дубайтӣ дар адабиёт (классикӣ, муосир ва фолклор) муайян гардида, ба таври хронологӣ нишон дода шуданд.

2. Зимни таҳлилу баррасии ақидаҳои муҳаққиқони адабиёт, ки роҷеъ ба масъалаи мансубият ва заминаҳои пайдоиши жанри дубайтӣ баён шудаанд, ба ин натиҷа расидем, ки навъи дубайтӣ мероси завқии халқи тоҷик буда, дар

ҳавзаи адабиёту фарҳанги мардуми ин сарзамин ба вуҷуд омадааст. Маҳбубият ва ҷойгоҳи устуворе, ки жанри дубайтӣ то кунун дар қаламрави адабиёти гуфтории мардуми форсизабони дунё касб кардааст, бар ин гуфтаҳо эътимоду эътибор мебахшанд.

3. Отифаи ишқ дарунмоя ё муҳтавои аслии дубайтиҳоро ташкил медиҳад, аз ин ҷиҳат, мавзуи ишқ дар ин навъи ашъор нақши меҳварӣ дорад.

4. Мавзуъҳои ватандӯстӣ ва ғарибӣ дар матни дубайтиҳо дар муқоиса бо дигар муносибатҳои иҷтимоӣ барҷаста ва таъсирбахш таҷассум ёфтаанд.

5. Жанри дубайтӣ сохтори устувор ва вазни мушаххас дорад. Аҳли балоғат вазни дубайтиро баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳфуз ё мақсур (*мафоӣлун, мафоӣлун, фаӯлун* //V−−−/V−−−/V−−) муқаррар кардаанд. Дубайтӣ бо доштани вазни хос аз навъи рубоӣ фарқ мекунад.

6. Дубайтӣ дорои забон ва сабки баёни хос буда, бо мусиқӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Дар матни дубайтиҳо воситаҳои тасвири бадеӣ ба таври шоиста ва ҷаззоб истифода шудаанд.

7. Жанри дубайтӣ дар назми адабиёти муосири тоҷик ва ҳавзаи адабиёти гуфторӣ (фолклор) мавқеи сазовор пайдо намудааст. Ин жанри адабӣ ҳамқадами замон буда, руйдодҳои ҷомеаро дар худ инъикос мекунад ва дар ҳамоҳангӣ бо пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ ривоҷу равнақ меёбад.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 5 мақолаи муаллиф, ки 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, ифода ёфтааст:

[1-М]. Бухориев О. Робитаи рубоӣ ва дубайтӣ бо ҷиюэҷиюэҳои чинӣ / О.Бухориев // Суханшиносӣ. −Душанбе, 2018, −№3. – С. 142-156.

[2-М]. Бухориев О. Нигоҳи мухтасар ба вижагиҳои муштараки жанри рубоӣ ва дубайтӣ / О.Бухориев // Гузоришҳои АИ ҶТ. −Душанбе, 2018, −№ 4. – С. 177-182.

[3-М]. Бухориев О. Ҷойгоҳи мавзуи ишқ дар жанри дубайтӣ / О.Бухориев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. −Душанбе, 2019, − №1. – С. 210-216.

[4-М]. Бухориев О. Тасвиргароӣ дар жанрҳои рубоӣ ва дубайтӣ / О.Бухориев // Суханшиносӣ. −Душанбе, 2019, −№1. – С. 149-162.

**Мақолаи муаллиф дар маҷаллаи дигар:**

[5-М]. Бухориев О. Корбурди жанрҳои фолклорӣ (дубайтӣ ва рӯбоӣ) дар эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ / О. Бухориев // Маорифи Тоҷикистон. –Душанбе, 2018, – №4. –46-51.

Инчунин баъзе масъалаҳои марбут ба диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияи байналхалқии илмӣ-назариявии “Устод Айнӣ ва илму адабу фарҳанг” (бахшида 140-солагии асосгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ, 14.04.2018, АМИТ) бо мақолае таҳти унвони “Корбурди жанрҳои фолклорӣ: афсона, дубайтӣ, суруд ва тарона дар эҷодиёти устод Айнӣ” ва дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии “Адабиёти гуфторӣ ва дурнамои он” (ДМТ, 15.11.2019) тавассути мақолае таҳти унвони “Нигоҳе ба вижагиҳои дубайтӣ” ба шакли маъруза ироа шудаанд.

**Навгониҳои таҳқиқи** диссертатсияро метавон ба сурати зерин баён кард:

– дар рисола нахустин бор жанри дубайтӣ дар адабиёти гуфторӣ ҳамчун навъи мустақили адабӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

– бори аввал роҷеъ ба марҳалаҳои пайдоиш, ташаккулу таҳаввул, вижагиҳои мавзуӣ, сохторӣ, услуби баёну воситаҳои тасвири бадеӣ дар дубайтиҳои адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ таҳқиқоти васеъ анҷом дода шуд;

– мавқеи жанри дубайтӣ ҳамчун асилтарин намунаи мероси завқии миллати тоҷик дар фолклор ва ҷойгоҳи устувори он дар адабиёти муосири тоҷик нишон дода шуд.

**Арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқ**. Маҷмуи донишҳои назарие, ки дар диссертатсия барои арзёбии вижагиҳои жанри дубайтӣ ба кор рафтаанд, дар ҳалли чунин масъалаҳои адабӣ ба магистрант, докторантҳои Ph.D ва дигар довталабони дараҷаҳои илмӣ дар соҳаҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқ ва маводи илмии диссертатсия дар заминаҳои амалии зерин қобили истифодаанд: ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ оид ба фолклор ё адабиёти тоҷик, таълифи мақолаҳои илмӣ дар соҳаҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ; таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ барои устодон ва донишҷӯёни факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгории кишвар, таҳияи китобҳои дарсӣ аз фанни адабиёти тоҷик барои муаллимон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ мухтавои рисоларо инъикос менамоянд.

Хулоса, вобаста ба дастовардҳои зикршуда ва дар асоси тақризҳои мусбат ва маърузаи муқарризони холис – номзади илмҳои филологӣ, Қосимӣ С.А. ва номзади илмҳои филологӣ, Умарова Шодигул Шурои олимони

Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ бо қарори № 2 аз таърихи 28.02.2023 диссертатсияи номзадии Бухориев Олим Салимовичро, ки дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» навишта шудааст, ҳамчун кори муҳиму арзишманд арзёбӣ намуда, онро комилан анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро ба баррасии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-067 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ тавсия менамояд.

**Иштирок доштанд:** аз 15 аъзои Шурои олимон 15 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: "тарафдор" – 15 нафар, "зид" - нест, "бетараф" - нест, қарори №2, аз 28.02.2023.

**Раиси Шурои олимон**,
профессор, доктори илми филология Шарифзода Ф.Х.

**Муқарризони холис:**
номзади илми филология,
дотсенти кафедраи назария
ва таърихи адабиёти тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қосимӣ С.А.

номзади илми филология,
дабири масъули маҷаллаи илмии
"Суханшиносӣ"-и Институти
забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Умарова Ш.

**Котиби илмии Шуро** Муҳамадхоҷева Р. А.

**Имзоҳои Шарифзода Ф.Х.,**
**Умарова Ш. ва Муҳамадхоҷаева Р.А.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
нозири калони кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.М.

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, 221- 70-30,
E-mail: iza rudaki17@mail.ru, http://www. iza.tj
“28” 02 соли 2023
Имзои С.А. Қосимиро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрхо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992(37) 224 13 83, 918 45 66 93
E-mail: hofiz200469@mail.ru